# ТАҚРИЗ

ба автореферати Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ мебошад. Қариб 93% қаламрави ҷумҳуриро минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ фаро гирифтааст. Табиист, ки амалӣ истифодаи оқилона бурдани чунин минтақаҳо, ба монанди минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, танҳо тавассути парвариши чорвои калон ва хурд ба роҳ монда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар миқёси ҷаҳон қариб 40% истеҳсоли гӯштро барои таъмини аҳолӣ аз чорвои калони шохдор истеҳсол карда мешавад.

Олимон дар соҳаи чорводорӣ, самтҳои гӯштӣ ва ширӣ дурагакунии байни зотҳоро амалӣ намуда, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ ва маҳсулнокии ҷавонаҳои дурагаи омехтаи чорвои гӯштиро омӯхтанд. Зиёд кардани саршумори чорвои дурага ва ҳамзамон афзоиши саршумори чорвои сермаҳсули чорвои гӯштӣ, ки ба шароити кӯҳӣ хуб мутобиқ карда шудаанд, ба афзоиши истеҳсоли гӯшти гов дар кишвар мусоидат намуд.

Истифодаи пурраи потенсиали генетикии чорво ҳангоми ҷойгиркунии оқилона ва парвариш аз нуқтаи илмӣ асосноки зотҳо имконпазир аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ–тадқиқоти селексионӣ оид ба баровардани типу зотҳои нави чорвои кишоварзӣ ва таҳкими фонди миллии генетики чорводории кишвар диққати махсус медиҳад.

Дар байни зотҳои гӯштии махсусгардонидашуда барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати чорвои маҳалӣ дурагакунии байни зотҳои гӯштӣ ва чорвоҳои маҳалӣ тадқиқотҳо гузаронида шуданд.

Ҳамин тариқ, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ҷиҳати хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва зотнокии зотҳои чорвои гӯштӣ, аз ҷумла зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳалӣ, байни ҳам дурагакунии онҳо ва гирифтани насли дилхоҳи барои истеҳсоли гӯшти босифат ва ба такрористеҳсолкунии зоту типҳо дар оянда аҳамияти илмию хоҷагидориро дар бар мегирад.

Мақсади муаллиф доир ба тадқиқот ин истифодаи дурагакунии чорвои зоти қазоқии сарсафед бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ва парвариши насли гирифташуда барои зиёд намудани истеҳсоли гӯшт.

**Аз ин лиҳоз мавзуи тадқиқот ҷиҳати** дурагакунии буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо говҳои

популятсияи маҳаллӣ барои парвариши минбаъдаро дар бар гирифтааст.

Навгонии илмии яке аз роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорвои гӯштӣ ва сифати ирсии онҳо гузаронидани корҳои дурагакунонӣ ба шумор меравад. Бинобар ин сабаб асоси навгонии илмии кори мазкурро омӯхтани нишондиҳандаҳои маҳсулнокии байни дурагаҳои гирифташуда ва чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, афзоиш ва рушди онҳо, такрористеҳсолкунӣ, самаранокии парвариши буққачаҳо сифати гӯшт ва равғани дохилӣ ташкил менамояд.

Натиҷаи тадқиқотҳо дар кор карда баромадани системаи парвариш ва мукаммалгардонидани маҳсулнокии гӯштии чорвои дар кишвар парваришёбанда истифода мешаванд.

Хулоса: Автореферати диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Н.и.вет., мудири кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Амиров С.Х.
11.06.2026 г.